**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи номзадии Ҳусензода Анвар Раҳмонкул дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ, арзёбии пешниҳоду расонидани хизматрасониҳои нақлиётӣ ба аҳолӣ ва корхонаю ташкилотҳо бар меояд, ки масоили зиёде мавҷуданд ва на ҳама паҳлуҳои такмили натиҷагирӣ ва таҳкими механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ ба тариқи пурра омӯхта шудааст. Аз ин рӯ, мубраммияти мавзуи диссертатсияи Ҳусензода А.Р. зарурӣ шуморида мешавад.

Дар асоси баррасӣ мо муайян намудем, ки самти таҳқиқоти дар диссертатсия ба анҷом дода шуда, ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.12 - “Иқтисодиёти меҳнат” мувофиқат мекунад.

Дар рисола дар сатҳи зарурӣ асосҳои назариявию методӣ ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар асоси тавзеҳи моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар асоси адабиёти соҳавӣ ба омузиши таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити мосир диққати асосӣ дода шуда, таҳлили вазъи кунунӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Ба омӯзиши низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ диққати ассӣ дода шуда, таҳқиқ ва арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои шаҳрии нақлиёти автомобилӣ сурат гирифтааст.

Дар ин раванд ба омузиши алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ диққати зарурӣ дода шудааст. Инчунин, мукаммалгардонии истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнатӣ кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар диссертатсия роҳҳои такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад дониста шудааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат дар сатҳи зарурӣ таҳлили вазъи кунунӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи пурра қарор дода шудааст. Новобаста ба ин нақши корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар бозори меҳнати минтақаҳо пурра баҳо дода нашудааст.

2. Ҳангоми арзёбӣ алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ мавриди омузиш қарор нагирифтааст.

Дар маҷму эродҳои гирифташуда ба сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии рисолаи мазкур таъсири манфӣ нарасонида, хислати тавсиявӣ доранд.

Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф таркиби диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - "Иқтисодиёти меҳнат" ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳусензода А.Р. сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ин ихтисос мебошад.

**Тақризнавис:**

**н.и.и., дотсенти иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Имомназаров М.А**

*Имзои н.и.и.дотсент имолмназаров М.А -ро тасдиқ менамоям.*

**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати ДТТ** **Абдуназаров А.Ҷ**



**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; ноҳияи Фирдавӣ кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
Почтаи электронӣ: rektorat-tut@mail.ru
Тел: (+992 37) 2347987